*УДК 327*
*ББК 66.4(4) 60*

# НАҚШИ ВАСОИТИ АХБОРИ ОММАИ ДАВЛАТҲОИ ИТТИҲОДИ АВРУПО ДАР ТАШАККУЛИ ИМИҶИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Рустамзода Завқиддин,*** *унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносии ДДҲБСТ;* ***Акмалова Мунира Абдунабиевна,*** *д.и.сиёсӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# РОЛЬ СРЕДСТВ МАССОВОЙ ИНФОРМАЦИИ СТРАН ЕВРОПЕЙСКОГО СОЮЗА В ФОРМИРОВАНИИ ИМИДЖА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Рустамзода Завкиддин,*** *соискатель кафедры политологии ТГУПБП;* ***Акмалова Мунира Абдунабиевна,*** *д.полит.н., доцент кафедры политологии ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

# THE ROLE OF EUROPEAN UNION'S MASS MEDIA IN FORMATION OF THE IMAGE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Rustamzoda Zavkiddin,*** *applicant of the department of political studies under the TSULBP;* ***Akmalova Munira Abdunabiyevna,*** *Dr. of Politology, Associate Professor under the TSULBP (Tajikistan, Khujand)*
***E-MAIL:*** *mr.zavqiddin@mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *сиёсати хориҷӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттиҳоди Аврупо, ВАО, истиқлолияти энергетикӣ, дипломатияи иттилоотӣ, иқтидори сармоягузорӣ*

*Дар мақола нақши васоити ахбори оммаи кишварҳои Иттиҳоди Аврупо дар ташаккул ва рушди имиҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Муаллиф таъмини амнияти иттилоотӣ ва муаррифии кишварро тавассути ВАО-и хориҷӣ яке аз ҳадафҳои муҳимми сиёсати давлатӣ донистааст. Дар мақола инъикоси ҷиҳатҳои мухталифи сиёсати дохилӣ ва хориҷии Тоҷикистон дар ВАО-и кишварҳои Иттиҳоди Аврупо мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Муаллиф зикр намудааст, ки ВАО-и кишварҳои Иттиҳои Аврупо чун "Euronews", "The European Times", "EP Today", "Diplomat Magazine", "Diplomatic World", "The Brussels Times" ва "Knowledge Center Review" дар шаклгирии симои мусбати Тоҷикистон, муаррифии авлавиятҳои сиёсати хориҷӣ ва иқтидори сармоягузории кишвар нақши муҳим доранд. Инчунин ба инъикос ёфтани ташаббусҳои сатҳи байналхалқии Тоҷикистон дар ВАО-и кишварҳои Иттиҳоди Аврупо таваҷҷуҳ карда шудааст. Ба андешаи муаллиф инъикоси маводҳои мухталиф перомуни Тоҷикистон дар ВАО-и кишварҳои Иттиҳоди Аврупо дар амалишавии дипломатияи иттилоотии кишвар ва ҷалби сармояи хориҷӣ заминаи муҳим гузошта метавонад. Аз ҷониби муаллиф як қатор тавсияҳо барои беҳтар намудани ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо ироа шудаанд.*

***Ключевые слова:*** *внешняя политика, Республика Таджикистан, Европейский союз, СМИ, энергетическая независимость, информационная дипломатия, инвестиционный потенциал*

*Рассматривается роль средств массовой информации стран Европейского союза в*

*формировании и развитии имиджа Республики Таджикистан. Высказано мнение, что обеспечение информационной безопасности и представление страны через зарубежные СМИ является одной из важных целей государственной политики. Рассматривается отражение различных аспектов внутренней и внешней политики Таджикистана в СМИ стран Европейского союза. Отмечено, что средства массовой информации стран ЕС, такие как «Euronews», «The European Times», «EP Today», «Diplomat Magazine», «Diplomatic World», «The Brussels Times» и «Knowledge Center Review», играют важную роль в формировании позитивного имиджа Таджикистана, в представлении внешнеполитических приоритетов и инвестиционного потенциала страны. Также уделяется внимание освещению международных инициатив Таджикистана в средствах массовой информации стран Европейского союза. Определено, что освещение различных материалов о Таджикистане в средствах массовой информации стран Европейского союза может послужить основой для реализации информационной дипломатии и привлечения иностранных инвестиций. Дан ряд рекомендаций по улучшению сотрудничества Таджикистана с Европейским союзом.*

***Key words:*** *foreign policy, Republic of Tajikistan, European Union, Mass Media, energy independence, information diplomacy, investment potential*

*The article dwells on the role of Mass Media of European Union countries in the formation and development of the image of Tajikistan Republic. The authors believe that ensuring informational security and representing the country through foreign mass media are considered to be one of the important goals of state policy. The authors of the article consider a reflection of different aspects in reference to both home and foreign policies of Tajikistan in mass media of European Union countries. It is emphasized that European Union media such as "Euronews", "The European Times", "EP Today", "Diplomat Magazine", "Diplomatic World", "The Brussels Times" and "Knowledge Center Review" play an important role in the formation of the positive image of Tajikistan representing foreign policy priorities and investment potential of the country. Into the bargain, particular attention is paid to elucidation of international initiatives of Tajikistan in the media of the countries of the European Union. It is determined that a coverage of various materials about Tajikistan in the media of the countries of the European Union can serve as the basis for implementation of information diplomacy and attract foreign investments. The authors give a number of recommendations to improve cooperation between Tajikistan and the European Union.*

Дар Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта мешавад, ки «Дар вусъати фазои иттилоотии ҷаҳонӣ дар баробари тамоюлҳои мусбати созанда, ки огоҳиро аз натиҷаҳои навтарини фаъолияти башарият таъмин мекунанд, ҳамчунин равандҳои манфии хатарзо барои амнияти иттилоотии кишварҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон нуҳуфтаанд. Бинобар ин, дипломатияи иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат ба таъмини амнияти иттилоотии кишварро ҳадафи асосии худ қарор дода, дар доираи пайгирӣ ва татбиқи ин ҳадаф вазифаҳои зеринро ба иҷро мерасонад:

❖ таъмини дарки воқеӣ ва дақиқи сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби доираҳои васеи ҷомеаи ҷаҳонӣ;

- муаррифӣ ва тарғиби дастовардҳо ва дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, пешрафту комёбиҳои фарҳангӣ ва илмии он;
- ташвиқи фазои мусоиди кишвар барои сармоягузорӣ, ҳамкориҳои самарабахши иқтисодӣ ва рушди сайёҳӣ;
- мусоидат ба эҷоди воситаҳои самараноки таъсири иттилоотӣ ба афкори ҷамъиятӣ дар хориҷа ҷиҳати шинохти мусбати Тоҷикистон;
- мусоидат ба тавсеаи имкониятҳои воситаҳои ахбори оммаи кишвар дар фазои иттилоотии байналмилалӣ;
- ба роҳ мондани ҳамкории фаъоли байналмилалӣ дар соҳаи иттилоот;
- муқовимати саривақтӣ ва самаранок ба киберҷиноятҳо ва таҳдидҳои иттилоотӣ ба истиқлолияти давлатӣ ва манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаддасоти таърихӣ ва арзишҳои ахлоқиву маънавии халқи тоҷик»[1].

Барои татбиқи чунин ҳадафҳо тамоми намояндагиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар мувazзаф буда, барои таъмини ҳифзи манфиатҳои миллии кишвар талош меварзанд.

Дар сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, ба монанди ИДМ, СҲШ, СММ, САҲА, СҲИ, Иттиҳоди Аврупо ҷойгоҳи хоса доранд. Қобили қайд аст, ки маҳз ҳамкориҳои судманд бо созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ буд, ки имрӯзҳо Тоҷикистонро давлати соҳибихтиёр, ягона, демократӣ, дунявӣ ва ташаббускор дар асрсаи байналхалқӣ мешиносанд ва эҳтиром мекунанд. Созмонҳои байналмилалии дар боло зикргардида баъди ба роҳ мондани робитаҳои судманд бо Тоҷикистон, кишварро на танҳо пас аз ҷанги шаҳрвандӣ дастгирӣ намуданд, балки дар рафъи оқибатҳои ҷанг кӯмакҳои зиёди молиявию техникӣ пешниҳод карданд [2, с.215].

Имрӯзҳо дар кишварҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари ташаббускор дар соҳаи об шинохта шудааст. Васоити ахбори оммаи Аврупо, ба монанди медиа-холдинг ва шабакаҳои телевизионии «Euronews», «Big Media Group», нашрияи «The European Times», маҷаллаи Парлумони Аврупо «EP Today», медиа-холдинги бонуфуз «New Europe», маҷаллаи дипломатии Шоҳигарии Нидерландия «Diplomat Magazine» ва маҷаллаҳои умумиаврупоии «Diplomatic World» ва «The Brussels Times», маркази таҳқиқотии «Knowledge Center» ва нашрияи он «Knowledge Center Review» барои ҳарчи бештар намоиш додани иқтидори иқтисодӣ, энергетикӣ, сармоягузорӣ ва сайёҳии кишвар, сиёсати дохиливу хориҷӣ ва пайдо намудани андешаҳои мусбии шаҳрвандони Аврупо накши калидиро мебозанд [3, с.102].

Дар ин ҷода мавриди қайд аст, ки маҷаллаи «The Uropean Times» (Брюссел, 2012), нашрияеро бахшида ба Тоҷикистон чоп намуд [4]. Дар ин нашрия маълумоти умумӣ дар бораи кишвар, иқтидорҳои иқтисодӣ, сармоягузорӣ, сайёҳӣ ва мусоҳибаҳои намояндагони гуногуни роҳбарикунандаи кишвар ҷойгир шудаанд. Нашрияи мазкур дар ҳаҷми 500 нусха ба тамоми кишварҳои Аврупо тақсим карда шуд. Муаррифии нашрияи мазкур ҳангоми пазироии дипломатӣ бахшида ба 21 - солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Президенти корхона «Big Media Group» Тю Кейперс доир гардид [5].

Барои боз ҳам беҳтару хубтар мавриди баррасӣ қарор додани мавзуи мазкур зерқисмҳои он низ тартиб дода шудаанд .

**1. СИЁСАТИ ХОРИҶӢ**

Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан дар чорабиниҳои сиёсии сатҳи баланд, ки дар он бевосита ВАО-и давлатҳои аъзо ва шабакаҳои бузурги телевизионии Аврупо ширкат меварзанд, мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода мешавад.

Бояд қайд намуд, ки сафарҳои расмии ҷониби Тоҷикистон, ки дар солҳои 2011 ва 2013 ба вуқӯъ пайваст, аз ҷиҳати сиёсӣ, иқтисодӣ ва гуманитарӣ сафарҳои хеле судманд буданд ва ба рушди минбаъдаи муносибатҳо дар ҷодаҳои гуногун тақони ҷиддӣ бахшиданд. Сафари расмии Президенти кишвар мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки санаҳои 5-6 июни соли 2011 ба амал омад, дар муносибатҳои Тоҷикистону Иттиҳоди Аврупо саҳифаи нави ҳамкориҳои судмандро боз намуд. Дар доираи сафар Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Парлумони Аврупо Ежи Бузек ва роҳбарони кумитаҳои Парлумон вохӯрӣ намуданд. Санаҳои 9-12 апрели соли 2013 сафари навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба институтҳои Иттиҳоди Аврупо ба амал омад. Дар давоми сафар вохӯрии Сарвари давлат бо роҳарони воломақоми Иттиҳод доир гардид. 11-апрели соли 2013 дар доираи сафари корӣ форум таҳти унвони «Имкониятҳои нави инноватсионии Тоҷикистон дар соҳаи энергетика» таҳти роҳбарии намояндаи Парлумони Аврупо Страун Стивенсон баргузор гардид. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ оиди имкониятҳои мусоиди инноватсионии Тоҷикистон дар соҳаи иқтисодиёт, шароит ба хуби сиёсиву ҳуқуқӣ барои сармоягузорон ва соҳибкорони хориҷӣ қайд намуданд. Ҳамчунин дар форум таваҷҷӯҳи бештар барои ҷалби сармояи хориҷӣ дар соҳаи энергетика, нафту газ, канданиҳои фоиданок, саноати сабук ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар густариши муносибатҳои тарафайн муҳим арзёбӣ гардиданд.

Дар доираи сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ки санаи 1 декабри соли 2015 ба амал омад, воҳӯриҳои сатҳи баланд бо Комиссари олии Иттиҳоди Аврупо оид ба сиёсати байналмилалӣ ва сиёсати амниятӣ хонум Федерика Могерини, Президенти Шӯрои Аврупо Доналд Туск, Комиссияи Аврупо Жан Клод Юнкер ва ноиби Президенти Бонки инвеститсионии Аврупо Ян Вапавуори баргузор гардиданд. Дар вохӯрӣ тарафҳо масъалаҳои густариши муносибатҳои Тоҷикистону Иттиҳоди Аврупоро мавриди баррасӣ қарор дода, ҷиҳати ба зинаҳои нав баровардани он мубодилаи афкор намуданд.

Ин вохӯриҳои судманди сатҳи олӣ аз он хабар медиҳанд, ки робитаҳои ҳарду ҷониб дар сатҳи хеле хуб қарор дорад ва умед аст, ки дар оянда саҳифаҳои нав б оз шуда, ба таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳо мусоидат менамоянд.

Инчунин, васоити ахбори оммаи Аврупо дар роҳи фаҳмонидани авлавиятҳои сиёсати хориҷии Ҷуҳурии Тоҷикистон нақши муҳим доранд.

30- марти соли 2012 мусоҳибаи рӯзноманигорони медиа-холдинги бузурги Аврупо «Euronews» бо Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардид, ки дар он Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар бораи ҷашни Наврӯз, ҳамкории минтақавӣ ва амният, рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар мамлакат ва таъмини бехатарӣ дар сарҳад бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон андешаҳои худро баён намуданд. Дар ҳамон вақт бахшида ба Наврӯзи байналмилалӣ ва ҷашнгирии он дар Тоҷикистон намоишҳои телевизионӣ омода шуда, тариқи шабакаҳои Аврупоӣ пахш гардиданд.

18-октябри соли 2014 изҳороти якҷояи Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Аслов бо Президенти ширкати бонуфузи машваратӣ «Big

Media Group» Тю Кейперс ва рӯзноманигорони нашрияи бонуфуз «The European Times» доир гардид[6]. Дар давоми мусоҳиба вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои муҳими сиёсати хориҷӣ, дастовардҳои назаррас ва оид ба густариши ҳамкориҳои судманд бо Иттиҳоди Аврупо, ҷалби сармоягузорони аврупоӣ ба рушди соҳаҳои афзалиятноки кишвар, шароитҳои мусоиди инвеститсионӣ ва дигар масъалаҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ маълумоти муфассал дод. Мавриди зикр аст, ки нашрияи «The European Times» зиёда аз 1 млн хонанда дорад ва барои муаррифии кишвар саҳни хеле васеъ ва муфид аст.

Худи ҳамон рӯз мусоҳибаи вазири корҳои хориҷӣ бо сармуҳаррири нашрияи «New Europe» Костас Тсасигасом доир гардид. Дар давоми мусоҳиба вазири корҳои хориҷӣ ба саволҳои сармуҳаррири нашрия оид ба масъалаҳои ҳамкории Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо, мавқеи Русия ва Хитой дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон, ҳамкории кишвар бо созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ, ба монанди Созмони Ҳамкории Шанхай, стратегияи мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм ва масъалаи амнияти Афғонистон ҷавоб дод. Инчунин масъалаҳои ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи саноат ва энергетика қисми дигари мавзӯи сӯҳбат буд.

Инчунин, бобати ин масъала мақолаи вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нашрияи «The European Times» таҳти унвони «Амнияти минтақавӣ баъди соли 2014: нигоҳе аз Тоҷикистон», ки дар он масъалаҳои рушди ҳамкориҳои давлатҳо оид ба таъмини амният дар Афғонистон баррасӣ шуда, пешниҳодҳои нави Тоҷикистон ироа шудаанд, нашр гардид.

Ҳамчунин натиҷаҳои ҳамоиши сатҳи баланди сарварони давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай дар шаҳри Душанбе, ки соли 2014 баргузор гардид, дар нашрияи «Diplomat Magazine» аз чоп баромад [7].

Раванди омодагӣ ва баргузории Конфронси байналмилалӣ оид ба натиҷаҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» дар солҳои 2005-2015 дар нашрияҳои «The European Times» ва «New Europe» чоп шуданд [8].

Ҳамин тавр, мардуми қитъаи Аврупо тавассути пажӯҳиши гуногуни шабакаҳои телевизионӣ ва нашрияҳои машҳури машваратии аврупоӣ оид ба вазъи имрӯзаи Тоҷикистон ва шароитҳои мусоиди иқтисодиву иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сайёҳӣ ва сармоягузорӣ аз наздик шинос шудаанд, ки ин ба раванди амалишавии ҳадафҳои аслии дипломатияи иттилоотии Тоҷикистон мувофиқ буда, барои ҷалби бештари сармоягузорони хориҷӣ мусоидат менамояд.

## 2. ИНЪИКОСИ ИҚТИДОРИ ИҚТИСОДӢ, ЭНЕРГЕТИКӢ ВА САРМОЯГУЗОРИИ КИШВАР ДАР ВАО-и ИТТИҲОДИ АВРУПО

Иқтидори энергетикӣ, иқтисодӣ, сармоягузорӣ ва дигар соҳаҳои афзалияноки кишвар барои ҷалби бештари сармояи хоиҷӣ дар чорабиниҳои сатҳи баланди намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Брюссел намоиш дода шуда, тарқи ВАО-и Аврупо паҳн гардиданд.

6 ноябри соли 2012 дар Брюссел бо ташаббуси Сафорати Тоҷикистон дар Шоҳигарии Белгия ва бо дастгирии ширкати «Saturn group» и «Cliniques de l’Europe» форуми сармоягузории Тоҷикистону Белгия бо иштироки сармоягузорони бузурги кишвари иқомат баргузор шуд. Дар кори форум намояндагони расмии Тоҷикистон, ки барои машваратҳои дуюми Кумитаи ҳамкориҳои Иттиҳоди Аврупо ва Тоҷикистон ба Брюссел омада буданд, иштирок намуданд.

Мақсади асосии форуми мазкур аз нишон додани иқтидори иқтисодӣ ва шароити

мусоиди сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соҳибкорони хурду бузурги Белгия ҷиҳати ҷалби сармояи ин кишвар ба соҳаҳои афзалиятноки кишвар иборат буд [9].

Инчунин, форум барои барқарор кардани робитаҳо ва бастани шартномаҳо барои ҳамкории минбаъда байни соҳибкорони ватанӣ ва Белгиягӣ заминаи мусоидро фароҳам овард. Дар баробари ин, муаррифии захираҳои азими энергетикии кишвар дар давлатҳои Аврупо вазифаи дигари намояндагиҳои Тоҷикистон дар қаламрави Аврупо ба ҳисоб меравад. Дар ин замина санаи 24 январи соли 2014 баргузор шудани Конфронси сатҳи баланд дар мавзуи «Об ва энергетика - воситаҳои таъмини сулҳ» аз ҷониби намояндагони Парлумони Аврупо Струан Стивенсон, роҳбари гурӯҳи байнипарлумонӣ оид ба тағйири иқлим ва ҳадафҳои рушд Кристина Гутерес, роҳбари гурӯҳи Парлумони Аврупо оид ба масъалаҳои об ва Намояндагии доимии Тоҷикистон дар Иттиҳоди Аврупо барои таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳо дар соҳаи обу энергетика ва ҷалби бештари сармоягузорон ба ин соҳаҳои фоидаовар такони ҷиддӣ бахшид.

Дар идомаи тарғибу ташвиқи масоили обу энергетикии кишвар санаи 9 феврали соли 2014 дар маҷаллаи Парлумони Аврупо «EP Today» мақолаи Султон Раҳимов дар мавзуи «Тоҷикистон: об воситаи ҳамкорӣ бояд бошад» ба забони англисӣ чоп шуд, ки он ба масъалаҳои иқтидори энергетикии Тоҷикистон, обу энергетика ва муҳиммияти онҳо барои рушди мнбаъдаи Тоҷикистон ва дар умум минтақаи Осиёи Марказӣ, сиёсати обу энергетика дар сиёсати минтақвию ҷаҳонӣ бахшида шудааст[10].

Бояд қайд кард, ки истифодаи мақсадноки ВАО-и Иттиҳоди Аврупо барои тарғибу ташвиқи, пеш аз ҳама, сиёсати дохиливу хориҷии Тоҷикистон, ташаббусҳои кишвари мо дар арсаи байналхалқӣ, иншондиҳандаҳои назарраси соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар солҳои истиқлолият, иқтидорҳои иқтисодӣ, сармоягузорӣ, энергетикӣ ва сайёҳӣ заминаи мусоидро фароҳам овард ва боиси бештар шудани сармоягузорӣ аз давлатҳои Иттиҳоди Аврупо ба Тоҷикистон гардид.

Хулоса, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо шарикони муҳим ба ҳисоб меравand ва ҳар ду ҷониб аз ин шарикӣ манфиатдоранд.

Муҳиммияти мақолаи мазкур аз он иборат аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд:

- асосҳои сиёсати иқтисодиву иҷтимоии худро бо дастгирии Иттиҳоди Аврупо мустаҳкам намояд;
- ёрии амалӣ дар тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси соҳавӣ аз ҷониби Иттиҳоди Аврупоро мақсаднок истифода барад;
- истифодаи маблағҳои оқилонаи Бонкҳои аврупоиро, аз ҷумла, малағҳои Бонки аврупоии таҷдид ва рушдро дуруст ба роҳ монда, ба рушди соҳаҳои афзалиятноки кишвар эътибори ҷиддӣ зоҳир намояд;
- аз захираҳои бойи обу энергетикӣ ва сармоягузорӣ истифода бурда, барои ҷалби ҳарчи бештари сармояи аврупоӣ кӯшиш ба харҷ диҳад;
- ҳамкориҳоро дар ин самт идома дода, муносибатҳои судманди дуҷонибаро тақвият бахшад.

Барои Иттиҳоди Аврупо муҳим аст, ки Тоҷикистон:

- муносибатҳои дуҷонибаро дар бахшҳои гуногун бо Иттиҳоди Аврупо густариш дода, барои мутсаҳкам намудани соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии давлат кӯшиш намояд;
- дар роҳи давлати мутараққӣ, ҳуқуқбунёд, демократӣ, ободу осуда бунёд наму-

дан аз тамоми имкониятҳои мавҷудаи ҳамкориҳои дуҷониба истифода намояд;

- ҷиҳати амалишавии стратегияи нави Иттиҳоди Аврупо барои кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамкориҳоро тақвият бахшад;

- аз имкониятҳо ва воситаҳои гуногуни ҳамкорӣ истифода бурда, амнияти сарҳад бо Афғонистон таъмин намояд;

- чораҳои пешгирии ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, мубориза бар зидди падидаҳои номатлуб ба монанди терроризм ва экстремизм, радикализми динӣ ва ҳифзи муҳити зист, ки ба амнияти Иттиҳоди Аврупо низ хатарнок аст, бо истифода аз усулҳои нав роҳандозӣ намояд.

Нуқтаҳои дар боло зикргардида аз ҳар ду ҷониб фаъолияти бештари амалиро талаб менамояд ва ҷонибҳо дар рушди минбаъдаи муносибатҳои судманд ба ҳар гуна хатарҳои дохилӣ ва берунӣ дучор шуданашон аз эътибор дур нест. Аз ин лиҳоз, ҷонибҳо бояд ҳамкории мутақобиларо боз ҳам густариш дода, масъалаҳои гуногуни тарафайнро бо роҳи музокирот ва гузаронидани машваратҳои сиёсии дуҷониба ҳаллу фасл намоянд.

***Пайнавишт:***

1. *Сомонаи расмии ВКХ ҶТ, http://mfa.tj/tj/pravovaya-osnova-vp/kontcepciya-vneshney-politiki-respubliki-tadzhikistan.html (санаи муроҷиат: 16.03.2020)*
2. *Шарифзода А., Гафуров А. Архитектор мира. - Брюссель, 2012. –215 с.*
3. *Солиев Р.А. Таджикистан – Европейский союз: Взаимовыгодное партнерство. - Душанбе – Брюссель. 2016. – 102 с.*
4. *Сомонаи расмии «The European Times», http://emagazine.european-times.com/tajikistan (санаи муроҷиат: 16.03.2020)*
5. *Сомонаи расмии Сафорати ҶТ дар Брюссел, http://www.tajikembassy.be/content/celebration-21st-anniversary-independence-republic-tajikistan-brussels (санаи муроҷиат: 16.03.2020)*
6. *Сомонаи расмии ширкати бонуфузи машваратии «The European Times», http://www.european-times.com/countries/interview-minister-foreign-affairs-republic-tajikistan-european-times-magazine/ (санаи муроҷиат: 22.03.2020)*
7. *Сомонаи расмии нашрияи «Diplomatic Magazine», http://www.diplomatmagazine.nl/2014/11/03/results-sco-summit-dushanbe-2014/*
8. *Саҳифаҳои расмии нашрияи «Diplomatic Magazine», http://www.diplomatmagazine.nl/2015/03/01/water-life-2005-2015/, http://diplomatmagazine.nl/2015/05/25/the-international/decade-for-action-water-for-life,http://www.diplomatmagazine.nl/2015/05/03/water-for-life-tajikistan-june-9-to-11-2015/ (санаи муроҷиат: 16.01.2020)*
9. *Сомонаи расмии Сафорати ҶТ дар Шоҳигарии Белгия, http://tajikembassy.be/content/invest-forum-tajikistan-%E2%80%93-belgium-brussels. (санаи муроҷиат: 16.02.2020)*
10. *Сомонаи расмии Нашрияи Парлумони Аврупо «EP Today», http://eptoday.com/tajikistan-turn-water-cooperation/(санаи муроҷиат: 22.03.2020)*

***Reference Literature:***

1. *Official Site of the Ministry of Internal Affairs of TR http://mfa.tj/tj/pravovaya-osnova-vp/kontcepciya-vneshney-politiki-respubliki-tadzhikistan.html (date of request: 16.03.20)*

2. *A.Sharifzoda A., Gafurov A. Architect of the World, - Brussels, 2012, - 215 pp.*
3. *Soliev R.A. Tajikistan - European Union: mutually beneficial partnership. - Dushanbe - Brussels. 2016 .- 102 pp.*
4. *Official Site of «The European Times», http://emagazine.european-times.com/tajikistan (date of request: 16.03.20)*
5. *Official Site of Tajikistan Republic Embassy in Brussels http://www.tajikembassy.be/content/celebration-21st-anniversary-independence-republic-tajikistan-brussels (date of request: 16.03.20)*
6. *Official Site of a Reputable Consulting Company «The European Times», http://www.european-times.com/countries/interview-minister-foreign-affairs-republic-tajikistan-european-times-magazine/(date of request: 22.03.2020)*
7. *Official Site of the Printing-House of «Diplomatic Magazine», http://www.diplomatmagazine.nl/2014/11/03/results-sco-summit-dushanbe-2014/*
8. *Official Site of the Printing-House of «Diplomatic Magazine», http://www.diplomatmagazine.nl/2015/03/01/water-life-2005-2015/, http://diplomatmagazine.nl/2015/05/25/the-international/decade-for-action-water-for-life,http://www.diplomatmagazine.nl/2015/05/03/water-for-life-tajikistan-june-9-to-11-2015/ (date of request: 16.01.2020)*
9. *Official Site of Tajikistan Republic Embassy in the Kingdom of Belgium, http://tajikembassy.be/content/invest-forum-tajikistan-%E2%80%93-belgium-brussels. (date of request: 16.02.20)*
10. *Official Website of the European Parliament «EP Today», http://eptoday.com/tajikistan-turn-water-cooperation/ (date of request: 22.03.20)*